МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

---

ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ
ДАВРИ ЯКУМ

# Китобчаи ТЕСТ | 2025

**Қисми А.3-2**

**Варианти 1**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Адабиёти тоҷик
- ☑ Забони хориҷӣ

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

! *Масалан, агар Шумо варианти “B”-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*



Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

! *Масалан, агар ба унсури “A”, ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури “B” рақами 4, ба унсури “C” рақами 1 ва ба унсури “D” рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*



Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

! *Масалан, агар Шумо соли **1917**-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:*



Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

! Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи **«*Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам*»-ро нависед** ва **имзо гузоред**.

Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.

Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**

Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

## ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

**Варақаи ҷавобҳоро** ҳатман ба маъмури имтиҳон супоред, онро аз синфхона баровардан **МУМКИН НЕСТ**.

| ! | Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад. |
|---|---|

! Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:

- гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;
- иваз кардани ҷойи нишаст, китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;
- гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;
- аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва китобчаи тест (китобчаи тестро танҳо пас аз супоридани варақаи ҷавобҳо ба маъмури имтиҳон бо худ баровардан мумкин аст).

Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд.

! Фаромӯш накунед:

- нусхаи электронии варақаи ҷавобҳои Шумо пас аз дастрас шудани варақаҳои ҷавобҳо ба Марказ дар кабинети инфиродиатон гузошта мешавад;
- ҷавобҳои дуруст (калид)-и саволу масъалаҳои тести дар имтиҳон истифодашуда **бегоҳи рӯзи имтиҳон** дар сомонаи Марказ (www.ntc.tj) нашр карда мешаванд;
- аз натиҷаи имтиҳонҳо ба Шумо рӯзи 21-уми июл хабар медиҳанд.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Дар байти зерин кадом калима ҳамсадои талаффузнашаванда дорад?**

***Касе, к-ӯ бовarии халқро арзанда мегардад,***
***Ба ҳар кас дӯстрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.*** М. Турсунзода

**A)** зебанда
**B)** бовар
**C)** арзанда
**D)** дӯстрӯ

**2** **Дар ибораҳои додашуда кадом калима бо ҳарфи *у* навишта мешавад, на бо *ӯ*?**

**A)** хӯшаҳои ангур
**B)** рӯзи пурнишот
**C)** сӯҳбати мард
**D)** занбӯри асал

**3** **Дар байти зерин дар калимаи *чавонӣ* садоноки *ӣ* чӣ вазифа дорад?**

***Ҷавонӣ, ҳанӯз ин баландӣ маҷӯй,***
***"Суханро бисанҷу ба андоза гӯй!"*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** пасванди сифатсоз
**B)** пасванди исмсоз
**C)** бандаки феълӣ
**D)** бандаки хабарӣ

**4** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ҷуфти ҳаммаъноии *афту андом*ро гузоред:**

***Аммо дар деҳа бо ин ... гаштани вай хатар дошт.*** С. Улуғзода

**A)** сару рӯ
**B)** сару либос
**C)** хулқу атвор
**D)** шаклу шамоил

**5** **Ибораро бо зидмаъноии калимаҳои *мувофиқ, созгор* пурра кунед*: боди ...***

**A)** пинҳон
**B)** муносиб
**C)** мухолиф
**D)** фаровон

**6** **"*Беҳуда касеро мунтазир доштан*" маънои кадом ибораи фразеологӣ аст?**

**A)** бедарак шудан
**B)** бе ресмон бастан
**C)** бе парда гап задан
**D)** бе дасту по шудан

**7** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Модар косаро ба рӯйи пештахта гузошта худ боз ба берун ... .***

Аз "Тоҷикистони советӣ"

**A)** чашм песонд
**B)** чашм пӯшид
**C)** чашм расид
**D)** чашм партофт

**8** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Назм аз дигар намудҳои адабӣ бо он фарқ мекунад, ки воқеаҳои зиндагиро бо суханони шоирона, нутқи вазну қофиядор баён менамояд. Маънои луғавии назм (калимаи арабӣ) ба ҳам пайвастан, ба ришта кашидан аст.***

Аз "Муқаддимаи адабиётшиносӣ"

**A)** илмӣ
**B)** расмӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** бадеӣ

**9** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз *сифат* ва *исм* сохта шудаанд?**

**A)** ошпаз, сартарош
**B)** даводав, пурсупос
**C)** зебосанам, чавонзан
**D)** модаркалон, хушдоман

**10** **Ба ҷойи сенуқтаҳо яке аз ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

***Зи ... лафзаш равон магзар чу хома,***
***Ба ... ҳарфе фурӯ рав чун сиёҳӣ.*** Камоли Хуҷандӣ

**A)** ҳама
**B)** ҳар
**C)** ҳеҷ
**D)** худ

**11** **Ба ҷойи сенуқта *сифати сохтаи* мувофиқро гузоред:**

***Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми ... доим бесуд бошад, чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайраро.*** Унсурулмаолии Кайковус

**A)** боҳунар
**B)** беҳунар
**C)** ҳунарманд
**D)** ҳунарвар

**12** **Ба ҷойи сенуқта *шумораи тартиби*ро гузоред:**

***Мартабаи ... ба бардошта тавонистанам чашмам нарасида монд.*** С. Улуғзода

**A)** ду
**B)** як-ду
**C)** сеюм
**D)** яку ду

**13** **Сиғаи феълҳои ишорашударо муайян намоед:**

***Ман нома ба номи кас <u>накардам</u>,***
***Инъоми касе ҳавас <u>накардам</u>.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** амрӣ
**B)** хабарӣ
**C)** эҳтимолӣ
**D)** шартию хоҳишмандӣ

**14** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***Шодмон оромона воқиаи рӯйдодаро ба ӯ нақл кард.***
***-..., ба гумони худат ин кори кӣ?*** К. Мирзоев

**A)** хайр
**B)** фақат
**C)** танҳо
**D)** мабодо

**15** **Ибораи *баҕоят хушнуд шудан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ
**B)** алоқаи ҳамроҳӣ
**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ
**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**16** **Ҷумлаи хулласро муайян намоед:**

**A)** Ман ӯро шинохта натавонистам. С. Айнӣ
**B)** Шумоён ба дӯконатон равед. Р. Ҷалил
**C)** Вай ба ту ҷой медиҳад. Ҷ. Акобир
**D)** Духтарон хандиданд. Ҷ. Икромӣ

**17** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**
***Мӯйсафед аз ҷояш нахест, чизе нагуфт, хомӯш нишаст.*** Аз “Садои Шарқ”

**A)** хабар
**B)** ҳол
**C)** пуркунанда
**D)** муайянкунанда

**18** **Ба ҷойи сенуқтаи аввал ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**
***Мардум аз ғаму дард ... сӯхта мегуфтанд: ... .*** А. Самад

**A)** тез-тез
**B)** пеш-пеш
**C)** дарун-дарун
**D)** замон-замон

**19** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** Не, намемонам. Мо бегона нестем. Э. Субҳон
**B)** Намондед, ки ака Сафар, андак бихобам. С. Айнӣ
**C)** Рост, домулло сахт нотоб, - гуфтанд устод Турсунзода. У. Раҷаб
**D)** Ҳайфо, ки аз тарси хароб шудани чашм ин “шукуфазор”-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд. С. Айнӣ

**20** **Кадом адиб аз вазъияти зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**
***Нест дар дастам кунун аз хушку тар,***
***З-он чи вақте дар каноре омадӣ.***
***Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,***
***Ҳам намондӣ гар ба коре омадӣ.***

**A)** Носири Хусрав
**B)** Низомии Ганҷавӣ
**C)** Убайди Зоконӣ
**D)** Саъдии Шерозӣ

**21** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Партави некон нагирад, ... бунёдаш бад аст,<br>Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст. Саъдии Шерозӣ | **1)** ҳар кас |
| **B)** Пеши девор ... гӯйӣ, ҳуш дор,<br>То набошад, дар паси девор гӯш. Саъдии Шерозӣ | **2)** ҳар кӣ |
| **C)** Дари ҳикмат кушода саъдиёна,<br>Сухан мегуфт ... шоирона. Мирзо Турсунзода | **3)** он чӣ |
| **D)** Ба худ банд дар хидмати ... камар,<br>Ба махдумӣ аз кас макаш дарди сар. Абдурраҳмони Ҷомӣ | **4)** худ |
| | **5)** ҳеҷ |

**22** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ман бибиамро ... ёд кардам. | **1)** дучанд |
| **B)** Одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд. | **2)** бисёр |
| **C)** Хонанда аз ҷавоби худ ... хурсанд буд. | **3)** ду-ду |
| **D)** Ҳавопаймо роҳи моро ... наздик гардонд. | **4)** як дараҷа |
| | **5)** бағоят |

**23** **Мувофиқати ибораҳоро вобаста ба сохторашон муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** шумои пир | **1)** зарф + зарф |
| **B)** хеле оромона | **2)** сифат + сифат |
| **C)** сафеди сафед | **3)** зарф + сифат |
| **D)** одами омадагӣ | **4)** ҷонишин + сифат |
| | **5)** исм + сифати феълӣ |

**24** **Таҳлили синтаксисии ҷумла. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**
***Сардори дастаи мусаллаҳ даридаҷомагонро амр фармуд.*** С. Айнӣ

| | |
|---|---|
| **A)** даридаҷомагонро | **1)** муайянкунанда |
| **B)** дастаи мусаллаҳ | **2)** пуркунанда |
| **C)** амр фармуд | **3)** мубтадо |
| **D)** сардор | **4)** хабар |
| | **5)** ҳол |

**25** **Байтҳои зерин бо кадом зарбулмасалу мақол ҳаммаъноянд?**

| | |
|---|---|
| **A)** Туро гуфтори ман имрӯз панд аст,<br>Чу май талх аст, лекин судманд аст.<br>Саноии Ғазнавӣ | **1)** Сухан дониста гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ. |
| **B)** Ҳар ки по аз ҳадди худ берун ниҳад,<br>Сар диҳад барбоду тан бар сар ниҳад.<br>Аттори Нишопурӣ | **2)** Ҳарфи бисёрро бигзору амал кун. |
| **C)** То надонӣ, ки сухан айни савоб аст, магӯй<br>В-он чӣ донӣ, ки на неку-ш ҷавоб аст, магӯй.<br>Саъдии Шерозӣ | **3)** Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст! |
| **D)** З-ин чунин турраҳот даст бидор,<br>Кор кун, бигзар аз раҳи гуфтор!<br>Саноии Ғазнавӣ | **4)** Гап зану муомила шунав. |
| | **5)** Сухани рост ширин нест, аммо муфид аст. |

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Олотҳои меҳнат ба кадом аср марбутанд?**



**A)** асри оҳан

**B)** асри санг

**C)** асри мис

**D)** асри биринҷ

**2** **Асосгузори сулолаи ҳоким дар давлати Порт (Ашкониён).**

**A)** Астиаг

**B)** Диодот

**C)** Аршак

**D)** Селевк

**3** **Ёдгории Тахти Сангин дар кадом ноҳия ҷойгир аст?**

**A)** Ҳамадонӣ

**B)** Рӯшон

**C)** Спитамен

**D)** Қубодиён

**4** **Соли 751 кадом воқеа ба амал омада буд?**

**A)** Шӯриши Сафедҷомагон бо сарварии Муқаннаъ

**B)** Шӯриш бо сарварии Шарик ибни Шайх дар Бухоро

**C)** Шӯриши Деҳистон бо сарварии Фирӯз

**D)** Шӯриш бо сарварии Ғӯрак дар Суғд

**5** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад: *“... бори нахуст пас аз истилои араб Тоҷикистони таърихии аз лиҳози сиёсӣ пароканда муттаҳид гардида, давлати муттамаркази қавӣ, новобаста аз Хилофати Араб бунёд ёфта, ҷангу мухолифатҳои дохилӣ дар кишвар аз байн бурда шуданд, ба таҷовузҳои хориҷӣ хотима дода шуд ва дар ин раванд Исмоил ҳаракати оммаи мардумро барои истиқлолият ба муқобили зулми арабҳо равона намуд”*?**

**A)** Сомониён

**B)** Ғуриён

**C)** Тоҳириён

**D)** Саффориён

**6** ***"Соли 1118 давлати бузурги Салҷуқиён асосан ба ду қисм ҷудо шуд. Қисми дуюмиро Хуросон, Мовароуннаҳр, Хоразм ва Систон ташкил медод ва пойтахташ чун пештара ... буд".***




**Шаҳре, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**

**A)** 2
**B)** 1
**C)** 4
**D)** 3

**7** **Пайомади забткории Шайбониён.**

**A)** аз байн рафтани давлати Ғазнавиён
**B)** барҳам хӯрдани давлати Куртҳои Ҳирот
**C)** барҳам хӯрдани давлати Салҷуқиён
**D)** хотима ёфтани ҳукмронии сулолаи Темуриён

**8** **Лақаби генерал-губернатори Туркистон К.П. Кауфман.**

**A)** "Искандари IV"
**B)** "нимподшоҳ"
**C)** "амири қассоб"
**D)** "ярлиқи заррин"

**9** ***Туман*** **чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** андози давлатӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** воҳиди ченак

**10** **Чунин вазъият пас аз кадом воқеа ба амал омада буд: “*Лашкари рус ба муқобилияти сахти аҳолии шаҳр дучор омада, шикаст хӯрд ва ақибнишинӣ намуд. Ин мағлубият сабаби бозхонди генерал М.Г. Черняев аз Туркистон шуд*”?**

**A)** муҳориба дар назди қалъаи Маҳрам
**B)** ишғоли шаҳри Самарқанд
**C)** муҳорибаи якуми Ҷиззах
**D)** муҳориба дар баландии Ҷӯпонато

**11** **Кадом воқеа дар давраи ҳукмронии амир Олимхон ба амал омада буд?**

**A)** исёни Абдумаликтӯра
**B)** ошӯби мардумӣ бо сарварии Қаландаршоҳ
**C)** шӯриш бо сарварии Пӯлодхон дар Қӯқанд
**D)** шӯриш бо сарварии Восеъ

**12** **Кадом воқеа 14-уми октябри соли 1924 ба амал омадааст?**

**A)** Қарори дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил додани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид.
**B)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил шуд.
**C)** Қарори Анҷумани I муассисони умумибухороӣ дар бораи ташкил ёфтани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро қабул гардид.
**D)** Қарор “Дар бораи тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна” тасдиқ шуд.

**13** **Кадом рӯйдод (раванд, падида) бо номи Эмомалӣ Раҳмон марбут аст?**

**A)** имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон”
**B)** татбиқи барномаи панҷсолаи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ
**C)** фаъолияти Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон
**D)** ба истифода додани заводи нуриҳои азотии Вахш

**14** **Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**A)** хусусигардонидани амволи давлатӣ
**B)** ҷорӣ намудани асъори миллӣ – сомонӣ
**C)** таъмини амнияти озуқаворӣ
**D)** аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва лалмӣ

**15** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябр кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Истиқлоли давлатӣ
**B)** Рӯзи Парчами давлатӣ
**C)** Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон
**D)** Рӯзи Президент

**16** **Шоҳии Рум дар кадом минтақа ташкил ёфта буд?**

**A)** Байнаннаҳрайни Ҷанубӣ
**B)** нимҷазираи Апеннин
**C)** нимҷазираи Осиёи Хурд
**D)** водии дарёи Нил ва резишгоҳи он

**17** **Ҷанги Шимолӣ (1700-1721) байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** ИМА ва Ҷопон
**B)** Англия ва Фаронса
**C)** Шветсия ва Русия
**D)** Эрон ва Ироқ

**18** **Ҳаракати “*4-уми майи соли 1919*” дар кадом кишвар ба амал омада буд?**

**A)** Эрон
**B)** Чин
**C)** Ҷопон
**D)** Ҳиндустон

**19** **Кадом воқеа аз рӯйи тартиби хронологӣ БАЪТАР ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси созмони Лигаи Миллатҳо
**B)** таъсиси Созмони Милали Муттаҳид
**C)** оғози Ҷанги якуми ҷаҳон
**D)** муттаҳид шудани ҶФО ва ҶДО

**20** **Дар натиҷаи заволи кадом давлат кишварҳои дар харита инъикосгардида истиқлолият ба даст оварданд?**




**A)** Австро-Венгрия
**B)** Британияи Кабир
**C)** Итиҳоди Шуравӣ
**D)** Югославия

**21** **Мувофиқати истилоҳ ва мазмуни онро муайян кунед:**

**A)** кай
**B)** диндабира
**C)** палеолит
**D)** дахма

**1)** меъёри вазн
**2)** алифбо
**3)** макони дафни майит
**4)** унвони шоҳони аввалини ориёӣ
**5)** марҳилаи асри санг

**22** **Мувофиқати ҳоким ва давлатро муайян кунед:**

**A)** Дориюши III
**B)** Наср ибни Аҳмад
**C)** Шопури II
**D)** Амр ибни Лайс

**1)** Сомониён
**2)** Саффориён
**3)** Ғазнавиён
**4)** Ҳахоманишиён
**5)** Сосониён

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** солҳои 1753-1920
**B)** солҳои 1867-1917
**C)** солҳои 1501-1599
**D)** солҳои 1599-1753

**1)** давлати Темуриён
**2)** генерал-губернатории Туркистон
**3)** давлати Ҷониён
**4)** давлати Шайбониён
**5)** давлати Манғития

**24** **Мувофиқати воқеа (раванд, падида) ва пайомади онро муайян кунед:**

**A)** “ҷанги сард”
**B)** имзои созишномаи Верден (843)
**C)** ба сари ҳокимият омадани болшевикон (1917)
**D)** кушта шудани вориси тахти Австро-Венгрия Франс Фердинанд

**1)** таъсиси Давлати Шуравӣ
**2)** таъсиси давлатҳои Фаронса, Олмон ва Италия
**3)** таъсиси созмони Шартномаи Варшава
**4)** таъсиси созмони Лигаи Миллатҳо
**5)** оғози Ҷанги якуми ҷаҳон

**25** ***“Асоситарин идораи марказӣ ҳисоб мешуд ва ба корҳои тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлат назорат мебурд. Ба вай сардорони ҳамаи девонҳои дигар итоат мекарданд”.***




**Девони Сомониён, ки дар матн сухан дар бораи ӯ меравад, дар нақша бо кадом рақам ишора шудааст?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**26** **Воқеае, ки сухан дар бораи ӯ меравад, кадом сол ба амал омада буд:** ***“Ин ҷунбиш махсусан дар Бухоро пурқувват буд ва дар ин ҷо шӯрише ба амал омад, ки бо номи Шӯриши Маҳмуди Торобӣ машҳур аст”*****?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**1** **Кадом ҷумла хоси асарҳои насрие чун “Доробнома” аст?**

A) Муаллифи ахбору гузорандаи асрор аз ин қисса чунин ривоят мекунад ...

B) Дар яке аз мамлакатҳои Шарқ ҳунарманде буд, ки Хирадманд ном дошт ...

C) Дар замонҳои қадим як марди бечорае буд ...

D) Буд набуд як подшоҳ буд ...

**2** **Вобаста ба ин дубайтӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Шаби маҳтоб хоби ман наомад,***
***Задам фарёд, ёри ман наомад.***
***Задам фарёд ба гӯши боғбонон,***
***Чаро булбул ба сайри гул наомад.***

A) Мазмуни ин дубайтӣ дар бораи дурӣ аз Ватан аст.

B) Душворӣ ва сахтиҳои зиндагӣ тасвир ёфтааст.

C) Ин дубайтӣ дар бораи дурии маъшуқ аз ошиқ аст.

D) Тасвири зебоии табиат ва фаслҳои сол аст.

**3** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

A) “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

B) “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

C) “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

D) “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш

**4** **Зиндагии Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ рост омадааст?**

A) забткории арабҳо

B) истилои муғулҳо

C) забткории сафавиҳо

D) истилои шайбониҳо

**5** **Дар кадом санъат калима ё таркибҳо ба маънои ғайриаслӣ ба кор меравconfigured?**

A) талмеҳ

B) тазмин

C) таҷнис

D) маҷоз

**6** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Чаро чун гул занӣ дар пӯст ханда?***
***Сухан бояд чу шаккар пӯстканда.*** Низомии Ганҷавӣ

A) талмеҳ

B) ташбеҳ

C) истиора

D) тавсиф

**7** **Дар адабиёти мо нахустин бор кӣ “Хамса” навиштааст?**

**A)** Саноии Ғазнавӣ

**B)** Низомии Ганҷавӣ

**C)** Хоқонии Шервонӣ

**D)** Анварии Абевардӣ

**8** **Аз рӯи мухтаво “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ кадом бахшҳоро дар бар мегирад?**

**A)** асотирӣ, миллӣ, таърихӣ

**B)** асотирӣ, паҳлавонӣ, таърихӣ

**C)** асотирӣ, қадим, нав

**D)** қадимтарин, қадим, нав

**9** **Калимаи “сайф” чӣ маънӣ дорад?**

***Сайф аз сарам бирафту дили ман дуним монд,***
***Дарёи ман равон шуду дурри ятим монд.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**A)** шароб

**B)** шамшер

**C)** чашма

**D)** офтоб

**10** **Дар бораи ин асар гуфтаанд, ки *“муаллиф онро барои тарбия ва таълими фарзандаш Гелоншоҳ навиштааст”.* Он кадом асар аст?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**C)** “Қобуснома”- Унсурулмаолии Кайковус

**D)** “Футувватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**11** **Аз рӯи мазмуни ҷумла муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**12** **Ибни Сино дар кадом рубоияш, ки мисраи аввалаш оварда шудааст, ба бемағзию нотавонбинии ҳарифонаш ишорат намудааст?**

**A)** «Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ...»

**B)** «Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст ...»

**C)** «Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст ...»

**D)** «Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд ...»

**13** **Мавзуи байт чист?**

***Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,***
***Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**A)** саховат ва дасткушодӣ

**B)** ирода ва ҷаҳду кӯшиш

**C)** муҳаббат ва дӯстӣ

**D)** хоксорӣ ва қаноат

**14** **Дар кадом асари Саъдии Шерозӣ масъалаи меҳру садоқати бепоён нисбат ба ватан, марзу бум ва ёру диёр бо эҳсосоти баланд баён шудааст?**

**A)** “Бӯстон”

**B)** қасидаи “Бозгашт”

**C)** “Гулистон”

**D)** ғазали “Бигзор то бигирям ...”

**15** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**

***Чу дил шикаставу ошуфтаву парешонам,***
**.........................................................................**

**A)** Ки нест ҳоҷати шарҳи саҳеҳу тафсирам.

**B)** Магар, ки рехта айём заҳр дар ширам?!

**C)** Ки ҳамчу мавҷ набошад қабули таъмирам.

**D)** Ба рӯзгори ҷавонӣ чу ғунча дилгирам.

**16** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Гардад куҳан замонаву хомуш намешавад,***
***Он шуълаҳо, ки ҷаста бурун аз даҳони ман.***
***Қабр аз барои ман чӣ зарур аст, чун бувад***
***Дилҳои поки фаълаву деҳқон макони ман.***

**A)** Пайр ав Сулаймонӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

**17** **Садриддин Айнӣ байтҳои зеринро дар вафоти кадом адиб гуфтааст?**

***Дар даҳр баҳор асту хазон аст, валекин,***
***Афсӯс тавон хӯрд бар он гул, ки ҷавон рафт.***
***Аз мафҳили аҳбоб дар ин мотами ҷонсӯз***
***То абри сияҳ дудсифат оҳу фиғон рафт...***

**A)** Нақибхони Туғрал

**B)** Пайрав Сулаймонӣ

**C)** Абдулвоҳиди Мунзим

**D)** Садри Зиё

**18** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Намоишнома ба масъалаҳои зиндагии орзупарваронаи хонандагони синни калони мактабӣ бахшида шудааст. Дар ду қисми намоишнома муносибати дӯстона ва самимонаи Хайрӣ ва Довар тасвир шудааст.***

**A)** “Фишор”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**B)** “Лаҳзаи ҷовид”-и Меҳмон Бахтӣ

**C)** “Алии сонӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**D)** “Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ”-и Меҳмон Бахтӣ

**19** **Дар порчаи зерин аз романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода кадом хислатҳои Восеъ нишон дода шудааст?**

***“Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ.”***

**A)** меҳрубонӣ, некукорӣ

**B)** худшиносӣ, баномусӣ

**C)** хоксорӣ, пуртоқатӣ

**D)** инсондӯстӣ, худошиносӣ

**20** **Хулосаи муносиби байти Мирзо Турсунзодаро интихоб кунед:**

***Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,***
***Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.***

**A)** Ҳеч гоҳ гӯштро набояд аз нохун ҷудо кард.

**B)** Ҳар ҷое, ки будам, ишқи меҳан бо ман буд.

**C)** Дар сайру саёҳат умр зудтар сипарӣ мешавад.

**D)** Аз тамошои кишварҳои олам ифтихор мекунам.

**21** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Ҷанги тан ба тан” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш | **1)** қасида |
| **B)** “Мавҷҳои Днепр”-и Муъмин Қаноат | **2)** достон |
| **C)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ | **3)** ҳикоя |
| **D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **4)** намоишнома |
| | **5)** ёддошт |

**22** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Унсурулмаолии Кайковус | **1)** “Лисон-ул-ғайб” |
| **B)** Носири Хусрав | **2)** “Ҳуҷҷати Хуросон” |
| **C)** Умари Хайём | **3)** пайрави Фирдавсӣ ва муаллифи “Гаршоспнома” |
| **D)** Асадии Тӯсӣ | **4)** рубоисаро ва мураттиби “Зичи маликшоҳӣ” |
| | **5)** амирзода ва нависандаи асари пандуахлоқӣ |

**23** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Макун ҳамнишинӣ ба ҳар бадсиришт,
Ки duздад аз ӯ табъи ту хӯи зишт.

**B)** Макун ин ҳама фикри дуру дароз
Пайи он чи набвад ба онат ниёз.

**C)** Чу бо ту шавад муддаӣ сахтгӯй,
Ба ҷуз роҳи ҳилму мудоро мапӯй.

**D)** Кӯҳи ҳар ранҷ, ки дар роҳ бувад,
Пеши муштоқ кам аз коҳ бувад.

**1)** Дар бораи чизе, ки бароят зарур нест, андешаи бисёр накун.

**2)** Бо инсони дағал баробар нашав ва бо нармию муросо ӯро аз худ дур кун.

**3)** Касоне, ки бо китоб ҳамнишин ҳастанд, инсонҳои беҳтарини олам хоҳанд шуд.

**4)** Бо инсонҳои бадзот муоширот накун, ки аз сифатҳои бади онҳо асар хоҳӣ пазируфт.

**5)** Инсони шавқманд барои расидан ба ҳадафҳояш ҳамаи сахтиҳоро тай мекунад ва ҳеч чиз монеи ӯ нахоҳад шуд.

**24** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Расми сарбозӣ”, “Нардбон”

**B)** “Гунҷишки сафед”, “Хаёл”

**C)** “Шохи чанор”, “Пиёлаи шикаста”

**D)** “Маоши аввал”, “Дарди ишқ”

**1)** Саттор Турсун

**2)** Кароматуллоҳи Мирзо

**3)** Абдулҳамид Самад

**4)** Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**5)** Гулназар Келдӣ

**25** **Муайян намоед, ки маълумоти додашуда дар бораи кадом достони Мирзо Турсунзода аст:**

**A)** Дар достон дӯстӣ ва ягонагии мардуми Иттиҳоди Шуравӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар симои фарзандони халқи тоҷик ва украин тасвир ёфтааст.

**B)** Дар як рӯзи апрели соли 1953 дар ҳаёти шоир ду воқеаи муҳим рӯй медиҳад: зода шудани писараш ва ба Душанбе омадани устод Айнӣ, ки шоир ӯро пешвоз мегирад. Ин ду воқеа асоси мавзуи достон аст.

**C)** Дар достон ба ғайр аз мавзуи оила ва муносибатҳои оилавӣ мавзуи сулҳ, дӯстӣ ва ватанхоҳӣ низ мавқеи асосӣ дорад.

**D)** Дар достон тақдири таърихии табақаи меҳнатии тоҷик, тағйироти иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX ба тасвир омадааст.

**1)** “Чароғи абадӣ”

**2)** “Писари Ватан”

**3)** “Ҳасани аробакаш”

**4)** “Ҷони ширин”

**5)** “Духтари муқаддас”

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**Jeffrey is a Special Friend**

A man from England has a very special friend. It is not a man and not a dog. It is an 11 foot (3.4 metres) tall camel. His name is Jeffrey.

Jeffrey is originally from Russia. He can survive temperatures of around minus 25 degrees Celsius. Jeffrey is the kind of a camel with two humps, and he can live until the age of around 60. He arrived in the UK from Holland seven years ago. He was originally a birthday gift for the man's son.

The man brings tasty food to the camel. It is usually carrots, but the camel gets something extra special sometimes. Coca-Cola! The camel loves it. He drinks it more than his owner!

**1** **A man from England has a very special …**

**A)** son
**B)** pet
**C)** dog
**D)** man

**2** **The camel is more than … metres tall.**

**A)** three
**B)** sixty
**C)** four
**D)** eleven

**3** **Jeffrey is a … animal.**

**A)** domestic
**B)** primate
**C)** marine
**D)** predatory

**4** **Jeffrey can survive in a very … climate.**

**A)** wet
**B)** cold
**C)** hot
**D)** dry

**5** **The camel lived in … seven years ago.**

**A)** Russia
**B)** Holland
**C)** UK
**D)** USA

**6** **Jeffrey was a … for the man's son.**

**A)** cousin
**B)** present
**C)** transport
**D)** puppet

**7** **The camel likes … drink.**

A) carbonated
B) boiled
C) alcohol
D) menthol

**8** **The story is about an unusual …**

A) weight
B) width
C) gift
D) height

**Read the text and choose the right answer 9-16.**
**The world is getting warmer.**

The world has __**9**__ by half a degree centigrade over the past 100 years. __**10**__ Earth could get warmer by __**11**__, without help from people. __**12**__ climate scientists think there __**13**__ another reason for the change in temperature. They think that __**14**__ activities like cutting down the trees, producing trash, and burning fuels like coal and oil are __**15**__ make the Earth warmer. Just because the weather has been hot for a month or two does not mean that global warming has arrived. But scientists think __**16**__ as we use more gasoline and electricity, the Earth is going to get warmer.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) warming | B) warmed | C) warm | D) warms |
| 10 | A) An | B) A | C) The | D) - |
| 11 | A) it | B) itself | C) its | D) it's |
| 12 | A) A lot | B) Lots | C) Many | D) Much |
| 13 | A) are | B) to be | C) is | D) were |
| 14 | A) human | B) animal | C) insect | D) nature |
| 15 | A) helps | B) help | C) helping | D) helped |
| 16 | A) than | B) that | C) that's | D) then |

**17** **If she were slimmer, she … much more attractive.**

A) was
B) would have been
C) would be
D) will be

**18** **1 don't mind … out.**

A) eating
B) against eating
C) to eat
D) eat

**19** **He is getting fat because she … to much in the evening**

A) speaks
B) smiles
C) eats
D) moves

**20** **We do not have much time. We … hurry.**

A) should to
B) might to
C) have
D) must

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| A) way | 1) a feeling of certainty that something exists, is true, or is good |
| B) fear | 2) an act of learning and spending time discovering information |
| C) belief | 3) an act of choosing between two or more possibilities |
| D) choice | 4) a route, direction, or path |
| | 5) an unpleasant emotion caused by the thread of danger, pain, or harm |

**22** **Match the words in Column A with the synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| A) whoever | 1) but |
| B) however | 2) the one who |
| C) wherever | 3) the reason why |
| D) whatever | 4) anything |
| | 5) anywhere |

**23** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| A) biology | 1) the science that deals with countries, cities, rivers, mountains |
| B) history | 2) the science that deals with chemical elements |
| C) physics | 3) the science that deals with matter and energy |
| D) geography | 4) the science of life and living organism |
| | 5) the science that records and analyzes past events |

**24** **Match the words in Column A with their antonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| A) early | 1) delicious |
| B) empty | 2) slow |
| C) fast | 3) greedy |
| D) generous | 4) late |
| | 5) full |

**25** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| A) When I heard a doorbell, | 1) you begin to know a lot. |
| B) When you study | 2) I opened the door. |
| C) She didn't go out | 3) when he watches TV. |
| D) He usually gets a headache | 4) because it was raining. |
| | 5) as I was walking home. |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1-8.**

**Der Wind tat es**

Der Hodscha kletterte über den Zaun eines fremden Gartens und fing an, einen Sack mit allem zu füllen, was er in seine Hände bekommen konnte. Der Gärtner erwischte ihn und schrie: „He, was machst du da?" „Ich wurde von einem starken Wind hierher geweht." „Wer hat das Gemüse herausgerissen?" „Ich habe versucht mich daran festzuhalten, um zu verhindern, dass der Wind mich wegbläst. „

„Aber wie kommt es dann, dass das Gemüse in deinem Sack ist?" „Das ist wirklich komisch. Ich saß gerade hier und wundere mich über dasselbe, als du mich gesehen hast."

**1** **Über was kletterte der Hodscha?**

**A)** über die Mauer eines Gebäudes
**B)** über den Zaun eines fremden Gartens
**C)** über die Säule eines fremden Gartens
**D)** über die Wand eines Hauses

**2** **Der Hodscha …, einen Sack mit allem zu füllen, was er fand.**

**A)** begann
**B)** hoffte
**C)** flehte
**D)** bat

**3** **Der Hodscha …, was in seine Hände kam.**

**A)** sah
**B)** stahl
**C)** kaufte
**D)** erblickte

**4** **Der Gärtner … den Hodscha.**

**A)** schlug
**B)** ertappte
**C)** bestrafte
**D)** beruhigte

**5** **Der Hodscha sagte, dass das wirklich … ist.**

**A)** langweilig
**B)** merkwürdig
**C)** schön
**D)** traurig

**6** **Der Hodscha … über dasselbe.**

**A)** träumt von
**B)** staunte
**C)** ärgerte sich
**D)** freute sich

**7** **Der Hodscha … den Gartenarbeiter.**

**A)** belog
**B)** lobte
**C)** grüßte
**D)** schlug

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

**A)** um die Größe des Sackes
**B)** um die Lüge des Gärtners
**C)** um Hodschas Ausrede
**D)** um die Stimme des Windes

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9-16.**

**Meike fliegt nach Thailand**

Seit __**9**__ Eltern Meike gesagt haben, dass sie __**10**__ Maiurlaub in Thailand verbringen werden, ist Meike ganz aufgeregt. __**11**__war noch nie so weit weg und ist noch nie so lange geflogen. Je länger sie darüber nachdenkt, desto nervöser wird sie. Deshalb beschließt sie, sich über das __**12**__ zu informieren.

Thailand liegt in Südostasien und ist etwa 10 000 km von uns entfernt. Im Golf von Thailand gibt es viele Inseln. Meike freut sich schon __**13**__ das Schwimmen im Meer.

Im Mai __**14**__ eigentlich die Regenzeit. Im __**15**__Jahr hat sogar __**16**__ Sturm Teile von Thailand unter Wasser gesetzt.

(Deutsch 5. bis 10. Klasse. Duden, 150 MP3-Diktate.Dudenverlag Berlin. Mannheim. Zürich.2013)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** ihr | **B)** ihre | **C)** ihres | **D)** ihrem |
| 10 | **A)** das | **B)** der | **C)** den | **D)** des |
| 11 | **A)** Wir | **B)** Sie | **C)** Du | **D)** Ihr |
| 12 | **A)** Urlaubsländer | **B)** Urlaubsländern | **C)** Urlaubsland | **D)** Urlaubslandes |
| 13 | **A)** beim | **B)** ins | **C)** auf | **D)** ans |
| 14 | **A)** beginnt | **B)** begannen | **C)** beginnst | **D)** begannst |
| 15 | **A)** letzter | **B)** letztem | **C)** letzten | **D)** letztes |
| 16 | **A)** eine | **B)** ein | **C)** eines | **D)** einer |

**17** **Sie sind … einem Amt.**

**A)** beim
**B)** aufs
**C)** auf
**D)** ans

**18** **Wann … der nächste Zug nach Essen?**

**A)** fährt
**B)** fahren
**C)** fuhren
**D)** fährst

**19** **… ist ein Lehrer, der deutsche Sprache und Literatur unterrichtet.**

**A)** Ein Mathematiklehrer
**B)** Ein Englischlehrer
**C)** Ein Deutschlehrer
**D)** Ein Geschichtslehrer

**20** **Was … ich meiner Mutter schenken?**

**A)** können
**B)** könnt
**C)** kannst
**D)** kann

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Braut | **1)** Tochter eines Onkels oder einer Tante |
| **B)** Enkel | **2)** Schwester des Vaters oder der Mutter |
| **C)** Cousine | **3)** Mann kurz vor und am Tag seiner Hochzeit |
| **D)** Bräutigam | **4)** Frau kurz vor und am Tag ihrer Hochzeit |
| | **5)** männliches Kind des Sohnes oder der Tochter |

**22** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

| | |
|---|---|
| **A)** Chef | **1)** Faustkämpfer |
| **B)** Boxer | **2)** Leiter |
| **C)** Champion | **3)** Fahrer |
| **D)** Mediziner | **4)** Arzt |
| | **5)** Sieger |

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Wie heißt du? | **1)** Ja, ich mache Deutsch. |
| **B)** Jojo, wie alt bist du? | **2)** Nein, zwanzig. |
| **C)** Was macht dein Freund? | **3)** Er spielt Fußball. |
| **D)** Machst du die Hausaufgabe? | **4)** Ich bin Jojo. |
| | **5)** Siebzehn. |

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** 1:15 Uhr | **1)** Es ist Viertel nach zwei. |
| **B)** 1:55 Uhr | **2)** Es ist fünf (Minuten) vor halb zwei. |
| **C)** 1:25 Uhr | **3)** Es ist Viertel vor zwei. |
| **D)** 1:45 Uhr | **4)** Es ist Viertel nach eins. |
| | **5)** Es ist fünf (Minuten) vor zwei. |

**25** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Entschuldigung. Wie komme | **1)** haben ein neues Auto gekauft. |
| **B)** Lenhard und Sarah | **2)** ich zum Schwimmbad? |
| **C)** Was bist | **3)** arbeitet fleißig im Schulgarten. |
| **D)** Lena | **4)** du von Beruf? |
| | **5)** habt die Schule er. |

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Daler en France**

Daler Safar était en France pendant 6 mois. Il y est arrivé en juillet 2007 du Tadjikistan. D'abord il était à Marseille, là il a fait le cours d'été. Le cours d'été s'est prolongé 2 mois et Daler a appris bien la langue française. Alors, il est allé à Lyon. Dans une école de Lyon il a appris la langue pendant 4 mois. Cela n'était pas facile, d'abord il lui était difficile, mais les amis l'ont aidé.

Daler vivait à Lyon dans une famille. Là, il se sentait très bien. Le soir il regardait parfois la télé. Mais souvent les amis l'invitaient aussi faire une promenade à travers la ville. Ils faisaient les excursions ensemble. Daler a fait connaissance avec grand Lyon.

À la fin de décembre de 2007 Daler est revenu à Douchanbé. Il s'ennuyait beaucoup de ses parents. Mais maintenant il pense souvent à ses amis d'école en France.

**1** **Combien de temps Daler était en France ?**

**A)** Quatre mois.
**B)** Six mois.
**C)** Deux mois.
**D)** Trois mois.

**2** **A quelle ville de la France Daler était d'abord ?**

**A)** A Marseille.
**B)** A Paris.
**C)** A Lyon.
**D)** A Lille.

**3** **Qui a aidé Daler à apprendre le français ?**

**A)** Ses parents.
**B)** Ses amis
**C)** Son professeur.
**D)** Son voisin.

**4** **Pourquoi Daler est allé en France ?**

**A)** Un de ses voisin l'invite.
**B)** Pour apprendre le français.
**C)** Un de ses amis l'invite.
**D)** Pour y travailler.

**5** **Où vivait Daler à Lyon ?**

**A)** Dans un hôtel.
**B)** Dans une famille.
**C)** Chez son ami.
**D)** Chez son parent.

**6** **Comment Daler se sentait-il à Lyon ?**

**A)** Mal.
**B)** Très bien.
**C)** Pas bien.
**D)** Très mal

**7** **Daler s'ennuyait beaucoup de ... .**

**A)** ses parents
**B)** ses amis
**C)** son école
**D)** sa ville

**8** **De quoi s’agit-il dans ce texte ?**

**A)** De Lyon et ses curiosités.
**B)** D’un voyage touristique en France.
**C)** De six mois d’apprentissage en France.
**D)** D’une promenade à travers la ville.

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**
**Cher pain**

Dans une riche famille __**9**__ fille grandissait. La famille __**10**__ dans l'aisance. Elle n'avait pas besoin __**11**__ rien. D’où une telle fille pouvait connaître comment les autres gens tâchent de gagner __**12**__ pain ?

Quand le père __**13**__ à la maison et il demandait : “Où est Elise ?”, la mère répondait : “Où Elise doit être, certes, __**14**__ toujours elle est devant le miroir”. Puisque la fille pensait seulement des vêtements et de sa beauté.

Le père s'est inquiété __**15**__ vanité de son enfant et a parlé à la mère de cela. La mère a dit, cependant: “Laissez l'enfant. Qui vivra verra. Elise doit s’amuser aussi comme les enfants de ma sœur. Quand même, __**16**__ n'avons pas besoin de rien”.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** un | **B)** une | **C)** des | **D)** – |
| 10 | **A)** vivais | **B)** vivent | **C)** vivait | **D)** vivions |
| 11 | **A)** à | **B)** de | **C)** sur | **D)** dans |
| 12 | **A)** son | **B)** sa | **C)** leur | **D)** leurs |
| 13 | **A)** arrivais | **B)** arrives | **C)** arrivait | **D)** arrivaient |
| 14 | **A)** comme | **B)** puisque | **C)** car | **D)** par |
| 15 | **A)** – | **B)** du | **C)** de la | **D)** des |
| 16 | **A)** ils | **B)** nous | **C)** elles | **D)** vous |

**17** **Chaque dimanche les élèves ... au musée avec leur professeur.**

**A)** allons
**B)** va
**C)** vont
**D)** vas

**18** **Aujourd’hui ... amis arrivent de la Russie.**

**A)** mes
**B)** mon
**C)** votre
**D)** notre

**19** **Ce film était très ... .**

**A)** amusantes
**B)** amusante
**C)** amusant
**D)** amusants

**20** **... le plancher il n'y a pas de tapis bleu.**

**A)** Dans
**B)** Près de
**C)** A
**D)** Sur

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** terre
**B)** soleil
**C)** serpent
**D)** aigle

**1)** une reptile avec un long corps et sans pieds.
**2)** un animal très menu, qui a une longue queue fine.
**3)** un grand fort oiseau.
**4)** une planète où nous vivons.
**5)** une étoile qui éclaire et chauffe la Terre.

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Aujourd'hui, je
**B)** Vous
**C)** En général, les Français
**D)** Tu

**1)** parlez bien français.
**2)** mange un gâteau au chocolat.
**3)** savons aimer.
**4)** habites dans un appartement.
**5)** aiment la gastronomie.

**23** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Beaucoup de touristes *vont* à Paris.
**B)** J'*ai été* à Paris il y a 10 ans.
**C)** Son chien *était* malade.
**D)** Après demain il *pleuvra*.

**1)** Futur simple
**2)** Futur antérieur
**3)** Imparfait
**4)** Présent
**5)** Passé composé

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Comment
**B)** Quelle
**C)** Où
**D)** Combien

**1)** village sais-tu ?
**2)** vas-tu après les cours ?
**3)** de cours as-tu aujourd'hui ?
**4)** prononces-tu ce son ?
**5)** règle apprends-tu ?

**25** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** large
**B)** belle
**C)** bonne
**D)** aérien

**1)** laide
**2)** étroit
**3)** terrestre
**4)** mauvaise
**5)** grande

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 8-1.**

**الإِخْتِبارُ**

يُحْكَى أَنَّ رَجُلاً كانَ لَهُ وَلَدانِ, يُحِبُّهُما كَثِيراً وَ يَبْذُلُ كُلَّ جَهْدِهِ فِى تَرْبِيَتِهِما تَرْبِيَّةً صَحِيحَةً تُمَكِّنُهُما فِى مُسْتَقْبَلِ حَياتِهِما مِنَ الْإِعْتِمادِ عَلىَ النَّفْسِ. وَ فِى يَوْمٍ مِنَ الْأَيامِ أَرادَ أَنْ يَخْتَبِرَهُما, لِيَعْرِفَ أَىَّ الْوَلَدَيْنِ أَكْثَرَ ذَكاءً وَ فِطْنَةً, حَتّى يُمْكِنَهُ التَّنَبُؤَ بِمُسْتَقْبَلِ كُلٍّ مِنْهُما.

دَعا الرَّجُلُ وَلَدَيْهِ إِلىَ الْجُلُوسِ مَعَهُ, وَ تَحَدَّثَ إِلَيْهِما فِى شُؤُونِ الْحَياةِ وَ قَدَّمَ لَهُما مِنَ النَّصائِحِ ما يُعِينُهُما عَلىَ مُواجَهَةِ ظُرُوفِ الْحَياةِ وَ تَقَلُّباتِها.

وَ فِى الْيَوْمِ التّالِى أَعطَى كُلاً مِنْهُما دِيناراً, وَ طَلَبَ إِلَيْهِ أَنْ يَشْتَرِىَ بِهِ شَيْئاً, يَمْلأُ بِهِ الْحُجْرَةَ, وَ حَدَّدَ لَهُما مَوْعِداً لِأَداءِ هَذِهِ الْمُهِمَّةِ, بَعْدَ أَنْ يُفَكِّرَ كُلٌّ مِنْهُما فِى الشَّيءِ الَّذى يَسْتَطِيعُ أَنْ يَشْتَرِيَهُ بِهَذا الْمَبْلَغِ الزَّهِيدِ لِيَمْلَأَ بِهِ الْحُجْرَةَ. وَ بَعْدَ تَفْكِيرٍ طَوِيلٍ, وَ تَرَدُّدٍ عَلى الْأَسْواقِ إِسْتَقَرَّ رَأْىُ كُلِّ وَلَدٍ عَلى شِراءِ شَىءٍ مُعَيَّنٍ, وَ إِحْتَفَظَ باسِمِ الشَّىءِ الَّذى أَخْتارَهُ فِى نَفْسِهِ, وَ لَمْ يُخْبِرْ بِهِ الْآخَرَ. وَ لَمّا جاءَ الْمَوْعِدُ الْمُحَدَّدُ دَعا الْوالِدُ وَلَدَيْهِ, وَ سَأَلَ كُلّاً مِنْهُما عَنِ الشَّىءِ الَّذى اِشْتَراهُ.

فَقالَ الْأَوَّلُ: إِنِّي اِشْتَرَيْتُ بالدِّينارِ كُلِّهِ كَمِيَّةً مِنَ التِّبْنِ مَلَأَتْ حَيِّزاً مِنَ الْحُجْرَةِ, وَ لَمْ تَمْتَلىءِ الْحُجْرَةُ كُلُّها.

وَ قالَ الثّانِى: إِنِّي إِشْتَرَيْتُ شَمْعَةً بِمِئَةِ دِرْهَمٍ وَ أَشْعَلْتُها,فَمَلأَ ضَوْؤُها الْحُجْرَةَ وَ الْبَيْتَ وَ هُنا عَرَفَ الْوالِدُ مُسْتوى تَفْكِيرِ ولَدَيْهِ.

---

**1** **كَمْ كانَ عَدَدُ أَوْلادِ الرَّجُلِ؟**

**A)** ثَلاثَةَ أَوْلادٍ؛

**B)** وَلَدانِ؛

**C)** لَمْ يَكُنْ لِلرَّجُلِ أَوْلادٌ؛

**D)** وَلَدٌ واحِدٌ؛

---

**2** **لِماذا كانَ الرَّجُلُ يَجْتَهِدُ فِى تَرْبِيَةِ أَوْلادِهِ تَرْبِيَةً صالِحَةً؟**

**A)** حَتى يَعْتَمِدُعلى أَنْفُسِهِمْ مُسْتَقْبَلاً؛

**B)** حَتى يُبْنى لِكُلِّ مِنْهُمْ بَيْتًا؛

**C)** حَتى يَنْجَحَ فِى جَمْعِ النُّقُودِ لَهُمْ

**D)** حَتى يَخْدِماهُ عِنْدَما يَكْبِرانِ؛

**3** **ما الْهَدَفُ مِنْ جُلُوسِ الرَّجُلِ مَعَ أَوْلادِهِ؟**

A) لِيُقَدِّمَ لَهُم الطَّعامَ؛

B) لِيُقَدِّمَ لَهُم النَّصائِحَ؛

C) لِيَعْطِيهِم شَيْئًا مِنَ النُّقُودِ؛

D) لِيَأْمُرُهُم بِبَعْضِ الْأُمُورِ ؛

**4** **ماذا طَلَبَ الرَّجُلُ مِن أَوْلادِهِ بَعْدَ إِعْطاءِ كُلِّ مِنْهُما دِينارًا؟**

A) أَنْ يَحْتَفِظَ كُلُّ مِنْهُم بِدِينارِهِ الْمُسْتَقْبَلَ؛

B) أَنْ يَشْتَرِيَ كُلُّ مِنْهُم شَيْئًا يَمْلَأُ بِهِ الْحُجْرَةَ

C) أَنْ يَشْتَرِيَ كُلُّ مِنْهُم لِنَفْسِهِ طَعامًا؛

D) أَنْ يَشْتَرِيَ كُلُّ مِنْهُم ثِيابًا يَمْلَأُ بِهِ الْحُجْرَةَ؛

**5** **ماذا اِشْتَرَى الْوَلَدُ الْأَوَّلُ بِدِينارِهِ؟**

A) اِشْتَرَى بِهِ ثَوْبًا؛

B) اِشْتَرَى بِهِ تِبْناً؛

C) اِشْتَرَى بِهِ شَمْعَةً ؛

D) اِشْتَرَى بِهِ قَلَمًا ؛

**6** **ماذا اِشْتَرَى الْوَلَدُ الثّانِى بِدِينارِهِ؟**

A) اِشْتَرَى بِهِ طَعامًا؛

B) اِشْتَرَى بِهِ شَمْعَةً ؛

C) اِشْتَرَى بِهِ ثَوْبًا ؛

D) اِشْتَرَى بِهِ تِبْناً؛

**7** **لِماذا نَجَحَ الْوَلَدُ الثّانِىُّ فِى الْإِخْتِيارِ دُونَ الْأَوَّلِ؟**

A) لِأَنَّهُ اِشْتَرَى ما يَمْلَأُ الْمَكانَ؛

B) لِأَنَّهُ اِشْتَرَى ما لا يَمْلَأُ الْمَكانَ؛

C) لِأَنَّهُ اِشْتَرَى ما يَأْكُلُ الْإِنْسانُ؛

D) لِأَنَّهُ اِشْتَرَى ما يَأْكُلُ الْحَيْوانُ؛

| 8 | ماذا كان هَدَفُ الرَّجُلِ مِنْ هَذا الْإِخْتِبارِ؟ |
|---|---|

A) حَتى يُمْكِنُهُ التَّنَبُؤ بِمُسْتَقْبَلِ كُلٍّ مِنْهُما؛

B) لِمَعْرِفَةِ قُدْرَةِ كُلِّ وَلَدٍ عَلَى الْكَلامِ؛

C) لِمَعْرِفَةِ قُدْرَةِ كُلِّ وَلَدٍ عَلَى الشِّراءِ؛

D) لِمَعْرِفَةِ قُدْرَةِ كُلِّ وَلَدٍ عَلَى جَمْعِ الْمالِ؛

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 9-16.**

**لا تُزْعِجْ بِضَجْتِكَ مَرِيضاً عَلَي فِراشِهِ**

__9__فاطِمَةُ شَقِيقَةُ سَلِيمٍ مَرَضاً شَدِيداً لَمْ تَقْدِرْ مَعَهُ عَليَ الرُّقادِ. وَ كانَتْ __10__قَدْ أَفْرَغَتْ جَمِيعَ الْحِيَلِ لِتَنوِيمِها فَلَمْ تَسْتَفِدْ شَيْئاً.فَاتَّفَقَ أَنَّها نامَتْ __11__مُعالَجَةِ دامَتْ خَمْسَةَ أَيَّامٍ. وَ فِي أَثْناءِ رُقادِها أَخَذَ شَقِيقُها سَلِيمٌ __12__طَيْشٍ مِنْهُ لا عَنْ بَغْضاءَ يَرْكُضُ فِي الْبَيْتِ وَ يَحُثُّ حِصاناً مِنْ خَشَبٍ __13__قَدْ أَهْداهُ إِلَيْهِ أَبُوهُ فِي عِيدِ الأَضْحي. فَخَرَجَتْ فِي الْحالِ والِدَتُهُ مِنَ الْحُجْرَةِ وَ وبَّخَتْهُ لِإِزْعاجِهِ شَقِيقَتَهُ. فَسَكَتَ سَلِيمٌ هُنَيْهَةً ثُمَّ عادَ إِلَي الضَّجِيجِ وَ__14__.

وَ كانَ يَصِيحُ "دَهْدَهْ" وَ __15__الْفَرَسَ بِالسَّوطِ. ما زالَ كَذالِكَ حَتَّي إِنْتَبَهَتْ أُخْتُهُ وَ أَنَّتْ مِنْ شِدَّةِ الْحُمَي. فَنَظَرَتْ عِنْدَئِذٍ والِدَتُهُ نَظْرَةَ غَضْبي. فَخَجِلَ سَلِيمٌ مِنْ تِلْكَ النَّظَرَةِ فَذَهَبَ فِي الْحال إِلَي حُجْرَةٍ __16__وَ أَخَذَ كِتابَهُ وَ شَرَعَ يُحْضِرُ دُرُوسَهُ بِجِدٍّ وَ نِشاطٍ.

رُبَّ مَنْ تَرْجُو بِهِ دَفْعَ الأَذَي    عَنْكَ يَأْتِيكَ الأَذَي مِنْ قَبْلِهِ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) مَرِضَتا | B) مَرِضَتْ | C) مَرِضْتَ | D) مَرِضْتِ |
| 10 | A) والِدَتُهُمْ | B) والِدَتُهُ | C) والِدَتُها | D) والِدَتُهُما |
| 11 | A) قَبْلَ | B) بَعْدَ | C) وَراء | D) أمامَ |
| 12 | A) فِي | B) إلي | C) عَنْ | D) مِنْ |
| 13 | A) ما دامَ | B) أَصْبَحَ | C) كانَ | D) ما ذال |
| 14 | A) الْحَرَكَةِ | B) الْحَرَكَةُ | C) الْحَرَكَةَ | D) حَرَكَةٌ |
| 15 | A) أَضْرِبُ | B) تَضْرِبُ | C) يَضْرِبُ | D) نَضْرِبُ |
| 16 | A) بَعِيدَتانِ | B) بَعِيدَةٍ | C) بَعِيدَتَيْنِ | D) بَعِيدٍ |

| 17 | اِخْتَرْ جَمْعَ الْمُؤَنَّث السَّالِم فِيمَا يَلِي؟ |
|---|---|

A) طَرِيقَتان

B) مُقَدِّمَةٌ

C) مَشْروباتٌ

D) صابونٌ

**18** **اِخْتَرْ جَمْعَ الْمُذَكَّرِ السَّالِمِ فِيْمَا يَلِي؟**

**A)** ضارِبُونَ

**B)** مَراجِيحُ

**C)** مُعِينٌ

**D)** مَطْلوبٌ

**19** **اِخْتَرْ أَداةَ الْاِسْتِفْهامِ فِيْما يَلِي**

**A)** أَنْ

**B)** إِلي

**C)** مَنْ

**D)** قَبْلَ

**20** **عَيِّن الْفِعْلَ الْمَجْهُولَ فِى هَذِهِ الْأَفْعالِ**

**A)** يَضْرِبُ

**B)** إِضْرِبْ

**C)** ضَرَبَ

**D)** ضُرِبَ

**21** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| **A)** قِدْرٌ | **1)** الْفِعْلُ |
| **B)** عُمْيٌ | **2)** الْمَفْعُولُ |
| **C)** عَلَقَ | **3)** الْفاعِلُ |
| **D)** مُعَلِّمٌ | **4)** الإِسْمُ |
| | **5)** الصِّفَةُ |

**22** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| **A)** شُبّاكُ | **1)** الإِفْطارِ |
| **B)** طَعامُ | **2)** الْحُجْرَةِ |
| **C)** حَقِيبَةُ | **3)** الْتارِيخِ |
| **D)** قَلَمُ | **4)** الْحِبْرِ |
| | **5)** الْكُتُبِ |

**23** **إخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** دخَلَ يُوسُفُ الْفَصْلَ

**B)** دَخَلَتْ زَيْنَبُ الْفَصْلَ

**C)** خَرَجُوا الطلابُ مِنَ الْفَصْلِ

**D)** كَنَسَ الفَراشُ البَيْتَ

**1)** ثُمَّ نَظفَ الْفَرشَ

**2)** وَ جَلَستا علي مَقْعَدِهِما

**3)** وَ ذَهَبوا إلي بُيُوتِهِم

**4)** وَ جَلَسَ علي مَقْعَدِهِ

**5)** وَجَلَسَتْ عَلي مَقْعَدِها

**24** **إخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** ٧٠

**B)** ٣٠

**C)** ٤٠

**D)** ٦٠

**1)** خَمْسُونَ

**2)** أرْبَعونَ

**3)** سِتُّونَ

**4)** سَبْعونَ

**5)** ثلاثونَ

**25** **إخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** الجارُ

**B)** بَيْنَ الأَحبابِ

**C)** مِنْ كثْرَةِ الْمَلاحينَ

**D)** منْ جَدَّ

**1)** تَسْقُطُ الآدابِ

**2)** ثُمَّ الدَّارُ

**3)** وَجَدَ

**4)** غُرِقَتِ السَّفينةُ

**5)** أَخْلَفَ